## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои пешниҳод ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06. 01. 01 –зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Танҳо бо роҳи истифодаи оқилонаву самараноки обу замин ва афзоиши истеҳсоли маҳсулотҳои ватании рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба меъёру талаботҳои байналмилалӣ амнияти ғизоии кишвар таъмин карда мешавад.

Айни замон барои таъмини амнияти озуқаворӣ аз тарафи олимон ва кишоварзон роҳҳои гуногуни ботадбир андешида шуда истодааст. Аз ин лиҳоз парвариши зироатҳо дар кишти такрорӣ ва ангорӣ яке аз роҳҳои асосии самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда барои рӯёнидани ҳосили иловагӣ ба шумор меравад.

Парвариши зироатҳои хӯроки чорво,ба монанди ҷуворимакка дар кишти ангорӣ аҳамияти илмию амалӣ дошта,дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми назаррас гузошта метавонад.

Кори диссертатсияи Аламуратов Б.Б ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои асосии соҳаи аграрии ҷумҳурӣ, руёнидани ду ҳосили дон дар як сол бахшида шудааст.

Таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф асосан аз омузиши баъзе усулҳои технологияи парвариш, аз ҷумла интихоби навъҳои гуногуни ҷуворимакка ва муайян намудани зичии оптималии ниҳолҳои онҳо дар кишти ангорӣ баъд аз ҷамъоварии гандуми тирамоҳӣ дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон иборат мебошад.

Муаллиф дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ муайян намудааст, ки нишондоди баландтарини ҳосили дон, воҳиди хӯрокаҳо ва протеини ҳазмшаванда аз варианти 50 ҳаз/га ниҳоли навъҳои Аскар 7,1 т/га дон,Зоҳир 6,7 т/га дон, Шухрат 5,8 т/га ва аз варианти 60 ҳаз /га-и навъи Дилшод 7,6 т/га дон ба даст оварда шудааст.

Муқаррар карда шуд, ки ҳосили дони ҷуворимаккаи ангорӣ дар якҷоягӣ бо гандуми тирамоҳӣ мутаносибан ба навъҳо ва зичии ниҳолҳо аз ду ҳосил 13,9; 13,5; 12,6; ва 14,4 т/га дон рӯёнида шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи муаллиф аз ҷиҳати муҳимӣ, навгонии илмӣ ва арзиши амалӣ ба талаботи имрузаи соҳаи кишоварзӣ ҷавобгӯ мебошад.

Чунин мешуморем, ки кори диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 - зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳои Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.к,. узви вобастаи АМИТ (аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.- селексия ва тухумпарварии растаниҳои кишоварзӣ) ________Қ.Абдуламонов

Имзои Қ. Абдуламоновро тасдиқ мекунам:

Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Раёсати АМИТ ________ М. Муродова

30.05.2023

736000, ВМКБ, ш. Хорог, к. Холдоров 1. Институти биологии Помир,
тел – 935 67 54 16, E.- mail:ahmad79.79@ mail.ru